**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ки бо густариши босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва автоматикунонии ҷараёнҳои меҳнатӣ тавъам аст, масъалаи таҳқиқи ҳуқуқи шахс ба меҳнат аҳамияти махсус пайдо мекунад ва ба зумраи муҳимтарин масъалаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ворид мегардад.

Меҳнат дар низоми муносибатҳои бозорӣ падидаи мураккаби бисёрҷанба мебошад, ки арзиши ҳуқуқии он дар зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ таҷассум меёбад. Дар шароити имрӯза, ки бо дигаргуниҳои босуръат ва равандҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ фарқ мекунад, танзими дақиқ ва муассири ҳуқуқии меҳнат ба яке аз заминаҳои устувори ташаккули ҷомеаи демократӣ табдил ёфтааст.

Ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат ва риояи принсипи озодии меҳнат ҷузъи ҷудонашавандаи давлатдории демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Гузариш ба низоми нави сиёсиву иқтисодӣ, эътирофи гуногуншаклии моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, рушди ташаббуси иқтисодӣ ва шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар маҷмӯъ зарурати таҳкими ҳимояи конститутсионӣ-ҳуқуқии арзишҳои нави иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро ба миён овардааст.

Таҳлили меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар он бо дарназардошти меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ эътироф ва мустаҳкам карда шудааст. Конститутсияи амалкунанда ба ҳуқуқи меҳнат мазмуни нав мебахшад – на танҳо ҳуқуқ ба худи меҳнат, балки ҳуқуқ ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи амнияти меҳнат ва гигиенаи меҳнатӣ ҷавобгӯ мебошад. Ин мазмун ба таври назаррас доираи татбиқи ҳуқуқи меҳнатро васеъ намуда, онро ҳамчун кафолати воқеӣ муаррифӣ мекунад. Бо муқаррар кардани принсипи озодии меҳнат, Конститутсия ҳамзамон кафолати ҳуқуқ ба шароити меҳнати бехатар ва солимро низ дар бар мегирад.

Аҳамияти илмии мавзуи таҳқиқотии мазкур пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дигаргуниҳои сохториву мундариҷавие, ки дар давоми се даҳсолаи охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадаанд, ба пояҳои иқтисодии давлатдорӣ таъсири ҷиддӣ расонидаанд. Ин равандҳо бо эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин бо таъсиси фазои рақобати озод асос ёфта, ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ таъсири мусбат расонидаанд.

Дар ҳамин замина, муаллиф дар муқаддимаи рисола ба таври возеҳ ва бо истинод ба далелҳои мушаххас зарурати таҳқиқи мавзӯъро асоснок намудааст. Муҳимтарин паҳлӯҳои назариявию ҳуқуқии масъала мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, мубрамияти мавзӯи тадқиқот ба таври мукаммал ва мантиқӣ нишон дода шудааст.

Таҳлили матолиби зикршуда шаҳодати возеҳест бар он ки мавзуи интихобнамудаи муаллиф дорои аҳамияти назаррас ва мубрам барои таҳқиқоти илмӣ-амалӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар яке аз аввалин таҳқиқоти илмӣ бо забони давлатӣ мебошад, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст ва дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мақоми хосса дорад.

Аз мазмуни матни рисола ва автореферат бармеояд, ки ин пажӯҳиш яке аз нахустин корҳои илмии муҳимми соҳавӣ ба шумор меравад, ки бо сохтори методологӣ, услуби нигориш ва натиҷаҳои пешниҳодшуда, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва татбиқӣ мебошад.

Дар доираи рисола мафҳум ва моҳияти конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат, хусусиятҳои танзими ҳуқуқии он дар низоми қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ, мақоми ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми умумии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва робитаи мутақобилаи он бо дигар ҳуқуқҳо мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст.

Инчунин, масъалаҳои марбут ба тартиби амалишавии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат, кафолатҳои давлатии таъмини он, маҳдудсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, шакл ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба заминаи назариявӣ ва таҳлили ҳуқуқӣ муҳокима шудаанд.

Маҳз баррасии амиқи ин масъалаҳо, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур анҷом дода шудааст, аз навгонии рисола ва саҳми он дар рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии пешниҳодшаванда ба ҳимоя ва хулосаҳои муфассали илмӣ таҳия шудаанд, аз сатҳи баланди таҳлил ва арзиши амалии пажӯҳиш дарак медиҳанд. Онҳо ба рушди минбаъдаи илм, такмили заминаи

қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат ва рафъи мушкилоти амалии соҳа нигаронида шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Таҳлили муҳтавои диссертатсия, ақидаҳо ва нуктаҳои илмии пешниҳоднамудаи муаллиф, инчунин хулосаҳои мантиқӣ, мафҳумҳои илмӣ, баррасии проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ шаҳодат медиҳанд, ки кори мазкур ба таври мустақилона ва бо такя ба заминаи васеи илмӣ ва таҷрибаи амалии мавҷуда иҷро шудааст.

Муаллиф тавонистааст мавқеи мустақили хешро дар нисбати масъалаҳои баррасишаванда муайян ва асоснок намояд, ки ин бо истифодаи васеи манобеи илмӣ, ҳуқуқӣ ва таҳлили амиқи маводи мавҷуда амалӣ гардидааст.

Мундариҷаи диссертатсия гувоҳи он аст, ки муаллиф захираи васеи адабиёт ва таҳқиқотҳои илмиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, ҳадафи асосии пажӯҳишро дар сатҳи баланди илмӣ амалӣ намудааст.

Диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти илмии пурра ва хотимавӣ арзёбӣ мегардад, ки дорои сохтори мантиқӣ, мазмуни ягона ва ҷанбаҳои ҳамгирои назариявию амалӣ мебошад. Матни диссертатсия аз силсилаи масъалагузориҳои алоҳида иборат буда, онҳо ба таври ҳамоҳанг бо ҳам иртибот дошта, дар маҷмӯъ масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дидгоҳи илмӣ таҳлил менамоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Рисолаи илмии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар таҳти унвони «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиавии судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ таҳия шудааст, дорои сохтори муназзами илмӣ буда, мутобиқ ба талаботи методологии таҳқиқоти ҳуқуқӣ тарҳрезӣ гардидааст.

Сохтори рисола аз муқаддима, ду боби асосӣ (ки ҳар кадоме аз зербобҳои мушаххас иборатанд – дар маҷмуъ ҳафт зербоб), хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола 191 саҳифаро ташкил медиҳад.

Тартиби пешниҳоди маводи илмӣ, пайдарпаии мантиқии бобҳо ва зербобҳо, низоммандии таҳлили назариявию ҳуқуқӣ, инчунин робитаи зичи қисматҳои алоҳидаи кори илмӣ далели муносибати ҷиддии муаллиф ба таҳқиқот ва риояи принсипҳои методологии таҳқиқоти академӣ мебошад.

Муқаддимаи рисолаи илмии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар бо асоснокии муфассал аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқро инъикос менамояд, ки зарурати омӯзиши танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнатро дар шароити тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад. Муаллиф бо таҳлили дараҷаи омӯхташавии масъала дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, холигиҳои мавҷударо муайян намуда, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқотро бо риояи талаботи методологии илмҳои ҳуқуқӣ дақиқ шарҳ медиҳад. Заминаҳои назариявӣ, асосҳои методологӣ ва манбаъҳои эмпирикӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судӣ, ки таҳқиқот бар онҳо асос ёфтааст, нишон медиҳанд, ки пажӯҳиш дорои пояи илмии мустаҳкам мебошад. Илова бар ин, унсурҳои навоварии илмӣ ба таври возеҳ ироа гардидаанд, ки онҳо метавонанд ҳамчун замина барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқии соҳа хизмат намоянд.

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат буда, дар он мафҳум ва моҳияти конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат, танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ, мавқеи ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва алоқамандии он бо дигар ҳуқуқҳои инсон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола – **«Механизми амалигардонии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз чор

зербоб иборат мебошад, ки дар доираи он тартиби амалишавии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳдудсозии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шакл ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия, бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ доир ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас зиёд мегардонанд.

Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф метавонанд барои такмили маводи таълимӣ аз фанни «Ҳуқуқи конститутсионӣ» истифода шаванд. Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузорӣ истифода бурдан мумкин аст.

Ба қисми 2 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо дар шакли зайл: «Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки барои истиқомати доимӣ ва ё муваққатан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, метавонанд ба фаъолияти муайяни меҳнатӣ машғул шаванд, ба шарте ки ин ба мақсади ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадани онҳо мувофиқ бошад» ва дигар таклифу пешниҳодҳои муаллиф аз аҳаммияти амалӣ холӣ набуда, боиси дастгирӣ мебошанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавҷудбударо пурра менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Мирзозода Шаҳриёр

Мунавар дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи ӯ пешниҳод менамоем:

1. Дар зербоби аввали боби якум муаллиф ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун мафҳуми дорои табиати дугона – фитрӣ ва позитивӣ – баррасӣ намуда, онро бо мафҳуми «озодӣ» муқоиса мекунад. Бо вуҷуди ҳолиб будани чунин назари методологӣ, дар эрод зикр мегардад, ки баробаргузории мафҳумҳои «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат» метавонад баҳсбарангез бошад, зеро ҳар яке дорои хусусият ва мазмуни ҳуқуқии мустақил мебошад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «ҳуқуқ ба меҳнат» ба таври возеҳ истифода шудааст, ки аз он мазмуни муайян ва сатҳи муқаррарсозии ҳуқуқ бармеояд. Аз ин рӯ, ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки фарқиятҳои мафҳумии ин ду истилоҳро дақиқтар таҳлил намояд ва аз ҳамсанҷии бетарафона, ки метавонад ба нофаҳмиҳои илмӣ бирасад, худдорӣ намояд.

2. Масъалаи меҳнати иҷборӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар заминаи ҷаҳонишавии муносибатҳои меҳнатӣ яке аз самтҳои муҳим ва мубрами таҳқиқ мебошад. Муаллиф дар матни рисола ба ин падидаҳо ишора кардааст, аммо дар мавриди пешниҳод кардани роҳҳои мушаххаси рафъи монеаҳо ва амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат дар ин самтҳо назари равшан иброз накардааст. Бо назардошти аҳаммияти ин масъала дар шароити муосир ва таъсири он ба ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат, тавсия дода мешавад, ки муаллиф дар ҷараёни ҳимояи рисола ақидаҳои худро дар мавриди роҳҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии ҳалли мушкилоти меҳнати иҷборӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ бо далелҳои мушаххас муаррифӣ намояд.

3. Муаллиф танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнатро дар сатҳи Конститутсия, қонунгузории соҳавӣ ва санадҳои байналмилалӣ таҳлил намудааст, ки ин яке аз паҳлӯҳои мусбати таҳқиқот ба шумор меравад. Вале тибқи эрод, дар таҳқиқ нақши санадҳои зерқонунӣ, аз ҷумла амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумат, санадҳои мақомоти маҳаллии ҳокимият ва ҳуҷҷатҳои локалии корфармоён мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Инчунин ҷойгоҳи консепсияҳо, стратегияҳо

ва барномаҳои давлатӣ, ки ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ таъсиргузоранд, дар таҳлил норӯшан боқӣ мондааст. Аз ин ҷиҳат, тавсия мешавад, ки муаллиф дар ҷараёни ҳимояи илмӣ аҳаммият ва нақши санадҳои зерқонунӣ ва барномаҳои идоравиро дар амалисозии ҳуқуқ ба меҳнат бо таҳлили амиқ иброз намояд.

4. Дар қисми марбут ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, муаллиф таҳлили назариявиро ба се зернизоми алоҳида ҷудо намуда, онро ба таври методологӣ саҳеҳ пешниҳод кардааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили амалӣ, аз ҷумла таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, иттифоқҳои касаба, мақомоти арбитражи меҳнатӣ ва хусусан таҷрибаи судӣ нисбатан маҳдуд боқӣ мондааст. Бо дарназардошти он ки натиҷаҳои илмӣ бояд ба амалияи ҳуқуқӣ пайванди возеҳ дошта бошанд, ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки дар шарҳи рисола ва ҳимояи он таҷрибаи амалии татбиқи ҳуқуқ ба меҳнатро, аз ҷумла парвандаҳои судӣ ва мавқеи мақомоти дахлдорро бештар фаро гирад.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда хусусияти пешниҳодӣ дошта, ба муҳтавои илмӣ ва сатҳи методологии рисола таъсири манфӣ намерасонанд ва сифати умумии таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯ муаллифи 14 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аз ин теъдод, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ватанӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи инсон, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Мирзозода Шаҳриёр Мунаварро нишон медиҳанд.

Дар умум, Мирзозода Шаҳриёр Мунаварсазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.


**Муқаррizи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии)
Тоҷикистон-Россия С.Ю. Алимов

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Тел.: (+992 237) 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru


**Имзои С.Ю. Алимовро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Тоҷикистон-Россия А.А. Раҳимов


**Суроғаи муассиса:**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия
Тел.: (+992 237) 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru


**«07» 08 соли 2025**